# ТАҚРИЗИ

**мукаррizi расмӣ ба диссертатсияи Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ. – Душанбе, 2019.-203 с.**

Таърихи инсоният ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки фарҳанг ҳамчун соҳаи арзишманду афзалиятнок дар ҳаёти ҷомеа пураҳамият ва тақдирсоз мебошад. Халқи тоҷик дорои фарҳанги пурғановату бой буда, ки он аз ҳуввияти таърихи давлати кӯҳанбунёди аҷдодони тоҷикон шаҳодат медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, соҳаи фарҳангро яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат дониста, барои пешрафти он корҳои зиёдеро ба сомон расонид. Ба ин нуқта ишора намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамояд: “Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллии худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст, забони миллии худро ҳифз кардаву густариш додааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст”, ки чунин изҳорот барҳақ буда, қобили қабул мебошад.

Бояд иброз намуд, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муташанниҷ гардидани авзои сиёсии ҷумҳурӣ дар солҳои 90-уми асри XX, соҳаи фарҳанг низ ба душвориву мушкилот дучор гардид. Дар баробари ба эътидол омадани авзои сиёсӣ, дар радифи дигар ҷанбаҳо ҳаёти фарҳанги ҷумҳурӣ рушд ёфта, ба муваффақиятҳо ноил гардидааст. Боиси тазаккур аст, ки нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти ҳаёти фарҳангии ВМКБ назаррас буда ва дар ин ҷода корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Аммо, то кунун дар илми таърих перомуни ин масоил тадқиқоти мушаххаси илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқу таҳлили илмӣ қарор гирифтани раванди таърихии

рушди “Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016” айни муддао буда, аз рӯзмарра будани мавзӯи диссертатсионӣ дарак медиҳад.

Диссертатсияи Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна раванди асосии ҳаёти фарҳангии ВМКБ – ро дар замони истиқлолият дар бар гирифта, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет ва доираи таҳқиқот, асоси назариявӣ-методологӣ, пойгоҳи сарчашмавӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ-амалиявии мавзӯи таҳқиқот мушаххас баён гардидаанд.

Интихоби мавзӯъ рӯзмарра буда, муаллиф тавассути дастрасӣ ба сарчашмаҳои бойгонӣ, манбаъҳои таърихӣ, оморӣ, маводи васоити ахбори омма, хотираҳои ходимони фарҳанг, таҳлили илмии раванди таҳавуллоти таърихии ҳаёти меҳнаткашони ВМКБ ба ҷанбаҳои асосии марбут ба ҳадафи масъала тадқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонидааст, ки дар илм бори нахуст ворид карда мешавад.

Чаҳорчӯбаи хронологии мавзӯъ мушаххас буда, авзои фарҳангии вилоятро дар замони истиқлолият, яъне солҳои 1991-2016 дар бар мегирад.

Боби аввали диссертатсия **“Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатии ВМКБ”** номгузорӣ гардида, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур оид ба хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангӣ, фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, инкишофи соҳаҳои варзиш ва сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маълумот дода шудааст.

Диссертант дар зербоби якуми боби аввал “Хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ” як қатор хусусиятҳои хос, вазъ ва тамоюлҳои рушди фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Чунин хусусиятҳо бештар ба муҳити ҷуғрофӣ, сатҳи инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва коммуникатсионӣ вобастагии зич

доранд. Бахусус давраи созандагӣ ва рушди фарҳангии ВМКБ аз соли 1991 баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Муаллиф дар тадқиқоти хеш муваффақ гардидааст, ки масъалаи мубрами рӯз, яъне ҳаёти фарҳангии ВМКБ – ро дар давраи истиқлолият мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳад, дар сурате, ки замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба рушди фарҳанги ин гӯшаи Тоҷикистон таваҷҷӯҳи камтар зоҳир мегардид.

Дар зербоби дуюм “Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ” диссертант сабаби рушди ҳаёти фарҳангии вилоятро ба доираи иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат медиҳад. Зеро бо ташаббуси Сарвари давлат дар замони истиқлолият ҷиҳати рушду эҳёи фарҳанги миллӣ, бахусус ҳунарҳои мардумӣ шароиту имконияти мусоид фароҳам омад. Маҳз бо ташаббуси Президенти кишвар соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва се соли баъдӣ (2019-2021) – ро “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”эълон намуданд.

Дар доираи чунин иқдомот соли 2018 дар шаҳри Хоруғ ифтитоҳ гардидани “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон”, соли 2004 марказҳои фарҳангӣ бо номи “Эҳёи фарҳангӣ” ва “Де-Памирӣ” - ро мисол овардан лозим аст, ки барои ба касбомӯзӣ фаро гирифтани занони хонашин ва бо мақсади эҳё ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ фаъолият намуда, дар мӯътадилгардонии ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа саҳми бузург доранд.

Дар зербоби сеюм “Инкишофи соҳаи варзиш дар ВМКБ” музаффариятҳои варзишгарони тоҷик ва дар баробари он варзишгарони вилоятро ки бархе аз онҳо дар арсаи байналхалқӣ асосан аз ҳисоби захираҳои кадрии қаблӣ ва устодони собиқадори варзиш ғолиб гардидаанд, тавассути истифодаи ҳуҷҷатҳои расмиву бойгониҳо ва

манбаҳо муфассал мавриди таҳқику таҳлили илмӣ қарор гирифтааст, ки далели навгонии диссертатсия мебошад.

Оид ба рушди соҳаи сайёҳии вилоят дар зербоби чоруми боби аввал “Рушди соҳаи сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” бо истифода аз маълумотҳои омориву бойгонӣ, ҳисоботҳо ва дигар сарчашмаҳо таҳқиқоти мукаммал ба анҷом расонида шудааст, ки мусбат арзёбӣ мегардад. Аз тарафи диссертант оид ба рушди соҳаи мазкур, зиёд гардидани теъдоди меҳмонхонаҳо, ширкатҳои сайёҳӣ ва шароиту имкониятҳои мусоид далелҳои мушаххас оварда шудааст. Ҷолиби таваҷҷӯҳ он аст, ки раванди ташаккули соҳаи сайёҳии ВМКБ ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ВМКБ Парки Миллии Тоҷикистон ва “Кӯҳҳои Помир” ба рӯйхати мероси маданиии СММ шомил гардиданд. Аз тарафи дигар ба ВМКБ мавқеи минтақаи табобатӣ- фароғатӣ, истироҳатӣ ва сайёҳӣ дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Рушди маориф ва илми вилоят дар замони истиқлолияти давлатӣ”** чор зербобро дар бар мегирад. Маҳаки асосии боби дуюм фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, нақши муассисаҳои ибтидоии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотии ВМКБ ва саҳми онҳо дар шароити дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ дар бар мегирад.

Натиҷагирӣ ва пешниҳодоти рисоланавис дар зербоби аввали боби дуюм “Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ” ҷолиби диққат буда, маҳаки асосии таҳқиқоти мавзӯъ ба беҳтар гардидани вазъи мактабу маориф, роҳҳои бартараф намудани камбудиву мушкилот, бахусус нарасидани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ, махсусан дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Махсусан, таҳлили зербоби дуюм, “Таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои хоҷагии халқи ВМКБ” мусбат арзёбӣ гардида, диссертант саҳми макотиби олии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ муайян намуда, тавассути дастрасӣ бо манбаъҳои бойгониву маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои нав мубрамияти мавзӯи таҳқиқотиро муайян намудааст. Дар хусуси ислоҳотҳои даври якуму дуюми соҳаи маориф, ки солҳои 1991-2000 ва солҳои 2001-2015 гузаронида шудаанд, дастовардҳои соҳаи маорифи вилоятро муайян намуда, нақши фаъолияти литсейю гимназияҳо ва мактаби Президентиро дар баланд бардоштани савияи дониши хонандагон арзёбӣ намуда, мавриди таҳлилу таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Баҳри мутобиқ ба шароити иқтисоди бозоргонии вилоят дар зербоби сеюми боби дуюм "Таҳсили ҷавонони ВМКБ дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ дар шароити густариши иқтисоди бозаргонӣ" нақши муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ муайян гардидаанд, ки мутахассисони касбу кори мухталифи хоҷагии халқро тайёр менамуданд. Дар ин хусус диссертант ба фаъолияти "Литсейи касбӣ-техникии №77-и ноҳияи Шуғнони ВМКБ бо номи И.Элназаров" бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, равандҳои гуногунҷанбаи онро муфассал мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Диссертант дар зербоби чорум "Нақши муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ВМКБ ва саҳми онҳо дар инкишофи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон" нақш ва муваффақиятҳои муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ВМКБ ва саҳми онҳоро дар инкишофи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ намуда, дар хусуси фаъолияти муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ: Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбеков, Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи Б. Искандаров ва Шӯъбаи Муассисаи давлатии «Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ» тадқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонидааст.

Тавассути таҳлили илмии таърихи ҳаёти фарҳангии ВМКБ муаллиф имконият пайдо намудааст, ки бурду бохти соҳаи фарҳанги вилоятро дар

тӯли соҳибистиқлолӣ муаяйн намуда, рушди минбаъдаи онро арзёбӣ намояд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф мушкилиҳои ҳаёти фарҳангии ибтидои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМКБ – ро таҷассум намуда, давра ба давра нақши Ҳукумат ва Сарвари ҷумҳуриро баҳри беҳбудии он муайян менамояд. Бахусус, дар ин ҷода хизмати таърихӣ, хирадмандона ва дурнамои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотирмон буда, нақши калидӣ дорад. Ҳамин тариқ, аз мазмун ва хулосаи диссертатсия бармеояд, ки дар замони таҳқиқшаванда, ба мушкилиҳои ибтидои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ВМКБ ба маҷрои рушду нумӯъ ворид гардид.

Дар рафти баррасии диссертатсия ба чунин хулоса расидем, ки кор мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати рисола мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Оид ба рисолаи худ муаллиф 5 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз чоп баровардааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот диссертант манбаъҳоро ба чор гурӯҳ тақсим кардааст. Аммо дар муқаддима ва фишурдаи рисола оид ба се гурӯҳи манбаъ: 1) Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, маводҳои оморӣ, ҳисоботу гузоришҳо; 2) Ҳуҷҷату санадҳои ҳуқукиву меъёрӣ ва қарорҳои Ҳукумати ҶТ; 3) Сӯҳбатҳои доирнамудаи муаллиф бо шахсони алоҳида маълумот дода, дар хусуси гурӯҳи чорум ягон маълумот вуҷуд надорад.

2. Дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда, муаллифи диссертатсия як қатор манбаву адабиёти илмиро

овардааст, аммо онҳо дар раванди таълифи диссертатсия мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

3. Дар зербоби якуми боби аввали диссертатсия “**Хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ**” аз ходимони барҷастаи арсаи адабиёт, санъат ва илмии зодагони Бадахшони замони Шӯравӣ ёдоварӣ гардида, вобаста ба чорчӯбаи хронологии таҳқиқот, яъне кору фаъолияти шахсиятҳои фарҳангии замони истиқлолият зикр нагардидааст.

4. Дар зербоби дуюми боби аввал **“Муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ”** диссертант дар бораи бофтани ҷӯробҳои бадахшонии бо тарзҳои дусиха, сесиха ва чорсиха маълумот дода, дар бораи бофтани ҷӯроби яксиха зикр накардааст, ҳол он, ки маъмултарин ҷӯроби бадахшонӣ яксиха буда, бофтани он басо мушкил ва заҳматталаб аст. Инчунин дар зербоби мазкур оид ба тоқидузӣ, ки яке аз ҳунарҳои қадимаи тоҷикони Бадахшон мебошад, маълумоти мухтасар дода нашудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф масъаларо муфассалтар баррасӣ мекард, зеро дар тоқидӯзӣ нақшу нигорҳое духта мешаванд, ки ҳар як нақш ва ранги тасвирнамудаи он дорои ҳикматҳои бузурги таърихии ба худ хосанд ва онҳоро бояд муаллифи диссертатсия шарҳ медод, ҳатто таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурӣ нисбати мероси фарҳанги кӯҳистон, хусусан тоқии бадахшонӣ асоснок буда, он дар асъори миллии Ҷумҳурӣ, дар пули 20 - сомонӣ тасвир ёфтааст.

5. Дар зербоби дуюми боби аввал **“Муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ”** бештар дар бораи ҳунарҳои мардумии вилоят маълумот дода шуда, оид ба муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили муассисаҳои самти санъат, мусиқӣ, театр, хонаҳои фарҳангӣ, кино, китобхонаҳо, осорхонаҳо, ёдгориҳои таърихӣ, шӯъбаҳои фарҳангии ноҳияҳои вилоят маълумоти муфассал оварда нашудааст. Хубтар мешуд, ки дар диссертатсия оид ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи истиқлолият маълумоти муфассал ва ҷудогона дода мешуд, аммо муаллиф фаъолияти онҳоро ба таври умумӣ инъикос намудааст.

6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зудислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад дар вақти ба нашр пешниҳод намудани тадқиқот дар шакли монография онҳоро бартараф намояд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «**Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 1991-2016**» ба бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Сурога:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova @mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Назаров Давлатхон**